Ба Шурои диссертатсионии 6Б.КОА-012
назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон
(734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, 1/2)

## ТАҚРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод карда шудааст.**

Мавзӯи тадқиқотии интихобнамудаи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар масъалаҳои таъминкунандаи асосии идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз" маънидод карда шудааст. Таъмини рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ дар раванди идоракунии фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории экологӣ, ҳамкории давлат бо бахши хусусӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз", ҳамчун таъмини рушди босуботи онҳо бе татбиқсозии принсипҳои иқтисоди "сабз" дар шароити муосир ғайриимкон аст. Бо дарки ин, ҳукумати бисёр мамлакатҳо, аз ҷумла Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидан ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан соҳибкории экологӣ ва барои расидан ба ҳадафҳои рушди устувор (ҲРУ) заминаҳои асосии онро ташкилу таъмин намуда, ҳамзамон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таҳия ва тасдиқ намудаанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ идоракунии рушди соҳибкории экологӣ яке аз ҳадафҳои калидӣ маҳсуб ёфта, тавассути фаъолияти пурсамари он амалӣ намудани омилҳо ва принсипҳои ташаккули иқтисоди "сабз" васеъ паҳн шудааст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин раванд дар марҳилаи ташаккулёбӣ қарор дошта, дар айни замон Стратегияи рушди иқтисоди "сабз" барои солҳои 2023- 2037 қабул гардидааст, ки ин стратегия барои ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ асос ва заминаи ҳуқуқӣ шуда метавонад. Бинобар ин, бояд зикр намуд, ки ақидаҳои мазкур мубрамияти мавзуи

интихобгардидаро, ки самти идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” дар бар мегирад, муайян менамояд

Аз матни автореферати диссертатсияи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович маълум мегардад, ки кори диссертатсионӣ хусусиятҳои муҳими илмию таҳқиқотӣ, инчунин дар амалия татбиқшаванда дошта, мустақилона иҷро карда шудааст. Дар асоси омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ ва амалӣ, муаллиф омилҳои таъсиррасонандаро ба рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди “сабз” баррасӣ намуда, роҳҳои самаранок истифодабарии омилҳои мазкурро пешниҳод намудааст.

Муаллиф дар саҳифаи 4-уми автореферат дуруст ва ҷолиб қайд намудааст, ки рушди соҳибкории экологӣ дар Тоҷикистон барои суръат бахшидан ба инкишофи иқтисодии кишвар, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва таъмини устувории экологӣ аҳамияти бузург дорад. Ин таҳлили амиқи шароити мавҷуда ва таҳияи стратегияҳои дастгирии давлатӣ ва ҳавасмандгардонии соҳибкории экологиро тақозо мекунад. Ҷанбаҳои муҳими он беҳтар кардани заминаи қонунгузорӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди сармоягузорӣ, рушди инфрасохтор ва барномаҳои таълимӣ мебошанд, ки ба дастгирии соҳибкории экологӣ нигаронида шудаанд.

Аз ҷониби муаллиф дар саҳифаи 16-уми автореферат хусусиятҳои модели “Иқтисоди сабз” ва дар саҳифаи 17,18-ум такмили нуқтаи назари олимони хориҷӣ оид ба мафҳуми соҳибкории экологӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст, ки тадбиқи амалӣ онҳо дорои аҳамияти илмию методологӣ ва амалӣ мебошад.

Ҳаминтавр мавқеи муаллиф нисбати ҷудо намудани асосҳои фаъолияти соҳибкории экологӣ боназардошти соҳаи фаъолият, самти фаъолият ва тавсифи умумии он (саҳ. 20), хусусиятҳо (саҳ.21) ва принсипҳои асоси рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ (саҳ.25), омилҳое, ки ба рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ таъсир расонанда (саҳ.25-26) хеле хуб таҳлил карда шуда, нишон дода шудааст. Ба андешаи мо омилҳои баррасишуда ва дигар омилҳои мушаххасе, ки дар кори диссертатсионӣ баррасӣ гардидаанд,

метавонанд ба рушди фаъолияти соҳибкории экологӣ дар ҷумҳурӣ таъсири худро расонанд.

Дар автореферат аз ҷониби муаллиф ба стратегияи рушд ва идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккулёбии "Иқтисоди сабз" дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор дода шудааст, ки аз нигоҳи мо таҳқиқоти он хеле бо маврид буда, дорои аҳамияти илмӣ ва амалӣ мебошад (саҳ.34-35).

Инчунин, муаллиф дар асоси омӯзиш ва таҳлили принсипҳои гуногуни рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули "иқтисоди сабз" варианти мушаххасгардонидашудаи принсипҳои мазкурро пешниҳод ва асоснок намудааст. (саҳ.24-25)

Нашри мақолаҳои илмии даврии муаллиф паҳлуҳои мухталифи масъалаҳои идоракунии рушди соҳибкории экологиро дар шароити ташаккули иқтисоди"сабз" дар бар мегирад ва муаллиф дар ин масъала 80 мақолаҳои илмии худро нашр намудааст, ки аз онҳо 28 мақола дар маҷаллаҳои нашриявии ба руйхати КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дохилшаванда нашр шудааст. Илова бар ин, натиҷаҳои кори рисола ва ҷабҳаҳои гуногуни назариявию амалии он дар чорабиниҳои илмии сатҳи гуногун аллалхусус, конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ маърӯза ва нашр гардидааст.

Ба сифати эрод бояд қайд намуд, ки:

1) Дар тадқиқоти анҷомдодашуда дар миқдори кам аз маводҳои олимони ватанӣ истифода бурда шудааст;

2) Дар кори автореферат модели инноватсионии "Ҳалқаи панҷгона" пешниҳод гардидааст, вале хуб мешуд агар ҳар яки онҳо дар алоҳидагӣ шарҳ дода мешуд;

3) Дар кор баъзе хатогиҳои имлоӣ ва техникӣ мушоҳида карда мешавад.

Эродҳои қайдкардашуда хусусияти паст намудани арзиши илмии тадқиқоти диссертатсионии мазкурро надошта, ба натиҷаҳои ба даст овардаи муаллиф таъсири манфӣ намерасонанд.

Дар маҷмӯъ, рисолаи Досиев Маҳмадшоҳ Назарович дар мавзӯи «Идоракунии рушди соҳибкории экологӣ дар шароити ташаккули иқтисоди "сабз": назария, методология, амалия» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.06 – Иқтисодиёт ва идоракунӣ тибқи самтҳои фаъолият (08.00.06.06 – Иқтисодиёти соҳибкорӣ) пешниҳод шудааст ба натиҷаҳои анҷомдодашудаи кори илмӣ мувофиқ мебошад. Рисолаи диссертатсионӣ, бо таваҷҷӯҳ ба натиҷаҳои дар автореферат пешниҳодшуда дар сатҳи баланди илмию амалӣ анҷом дода шуда, ба талаботи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва муаллифи он сазовори дараҷаи илми доктори илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси дар боло зикршуда мебошад.

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори
кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ
ва аудити Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон
ба номи Шириншоҳ Шотемур Шарифов З. Р.

Суроға: Суроға: 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 146
Tel./Fax.: (992-372) 24 72-07
E-Mail.: rectortau31@mail.ru

Имзои доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Шарифов З. Р.-ро тасдиқ мекунам:
Сардори шуъбаи таъминоти ҳуқуқӣ ва кадрҳо Абдуҳалимзода Н. А.

ДОНИШГОҲИ АГРАРИИ ТОҶИКИСТОН БА НОМИ ШИРИНШОҲ ШОТЕМУР * ТАДЖИКСКИЙ АГРАРНЫЙ УНИВЕРСИТЕТ ИМЕНИ ШИРИНШОХА ШОТЕМУР * ШУЪБАИ ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ВА КАДРҲО ОТДЕЛ ПРАВОВОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ И КАДРОВ